## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо қарори ҷаласаи Шурои олимони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
аз «30» 08 соли 2022,
протоколи № 1 тасдиқ карда шудааст.
Раиси Шурои олимони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
_______________ Хушвахтзода Қ. Х.

# ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ САРДОРИ РАЁСАТИ ИЛМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ДУШАНБЕ – 2022

# ДАСТУРАМАЛИ ВАЗИФАВИИ САРДОРИ РАЁСАТИ ИЛМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали вазифавии сардори раёсати илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (минбаъд Донишгоҳ) санади меъёрии ҳуқуқии Донишгоҳ маҳсуб меёбад, ки мазмун ва масъалаҳои вобаста ба самти илмро дар Донишгоҳ муайян ва танзим менамояд.

2. Дастурамали вазифавии сардори раёсати илми Донишгоҳ (минбаъд Дастурамал) дар асоси Низомномаи раёсати илми Донишгоҳ таҳия шудааст.

3. Сардори раёсати илм (минбаъд Сардор) ба ҳайати роҳбарикунандаи Донишгоҳ дохил мешавад.

4. Ба вазифаи Сардор шахси дорои маълумоти олӣ, бо собиқаи кории илмӣ-омӯзгории на камтар аз 5 сол ва дорои дараҷаи илмии номзади илм ё доктори илм таъин карда мешавад.

5. Таъин ва аз вазифа озод намудани Сардор бо пешниҳоди муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ва розигии ректори Донишгоҳ сурат мегирад.

6. Сардор бевосита ба муовини ректор оид ба илм ва инноватсия итоат мекунад.

7. Сардор фаъолияташро дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи илм, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномаи раёсати илми Донишгоҳ, қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ ва Раёсати Донишгоҳ, фармоишҳо ва дастуру супоришҳои ректор ва муқаррароти ин Дастурамал ба роҳ мемонад.

8. Сардор барои татбиқи дурусти ҳуқуқҳо ва иҷрои вазифаю уҳдадориҳояш бояд муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории соҳаи маориф ва илм, инчунин, санадҳои зерқонунии ба онҳо алоқамандро риоя намояд.

9. Сардор аъзои Шурои олимони Донишгоҳ ва Раёсати Донишгоҳ аст.

10. Воҳидҳои сохтории зерин дар зери роҳбарии бевоситаи Сардор мебошанд:

- котиботи шуроҳои диссертатсионӣ;
- шуъбаи ахбори илмию техникӣ;
- Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума;
- шуъбаи омоданамоии мутахассисони илмӣ ва илмию омӯзгорӣ;
- китобхонаи илмӣ;
- Маркази иттилоотӣ-таҳлилӣ;
- ҷамъияти илмии донишҷӯён;
- Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисӣ;
- корҳои патентию иттилоотӣ;
- котиби илмӣ;
- матбааи Донишгоҳ;
- муовинони деканҳои факултетҳо оид ба илм;
- Шурои олимони ҷавони Донишгоҳ.

11. Сардор дар сурати набудани муовини ректор оид ба илм ва инноватсия (сафари хизматӣ, рухсатии меҳнатӣ, бемориӣ ва ғайра) бо фармоиши ректори Донишгоҳ вазифаи ӯро муваққатан иҷро менамояд.

## II. ҲУҚУҚҲОИ САРДОР

12. Сардор ҳуқуқ дорад:

- аз садорати факултетҳо, кафедраҳо ва дигар воҳидҳои сохтории Донишгоҳ маълумоти зарурӣ ва ҳисобот доир ба корҳои илмӣ-таҳқиқотиро талаб намояд;
- ба Раёсат ва Шурои олимони Донишгоҳ дар бораи натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии устодону кормандон ва донишҷӯён, докторантони Ph.D, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯёни Донишгоҳ маълумотнома ва ё ҳисобот пешниҳод намояд;
- аз болои фаъолияти сохторҳои раёсати илм назорат барад;
- дар муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо ва маҷлисҳои дахлдор оид ба масъалаҳои алоқаманд ба фаъолияти раёсати илм намояндагӣ намояд;
- маҷлисҳои раёсати илм оид ба масъалаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва дигар масъалаҳои ба он алоқамандро баргузор намояд;
- оид ба ҳавасмандгардонии устодону кормандоне, ки дар муҳлати муайяншуда корҳои илмӣ-таҳқиқотиро анҷом додаанд, инчунин, барои татбиқ намудани ҷазои интизомӣ нисбат ба устодону кормандоне, ки корҳои илмӣ-таҳқиқотиро дар муҳлати муқарраршуда бе сабабҳои узрнок иҷро накардаанд, ба ректори Донишгоҳ пешниҳод манзур намояд;
- дар комиссияҳои аттестатсионии докторантони Ph.D, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯён дар кафедраҳо ва факултетҳо иштирок намуда, аз онҳо иҷрои нақшаҳои инфиродиро талаб намояд, инчунин, аз болои сифати таҳсилот ва фаъолияти докторантони Ph.D, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯён назорат барад;
- роҳбарони илмии докторантони Ph.D, мушовирони илмии докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯёнро барои ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаб даъват намояд;
- аз ҷараёни супоридани ҳисоботҳо оид ба корҳои иктишофӣ, патентӣ, литсензионӣ, ҳифзи моликияти зеҳнии Донишгоҳ ва иттилоотӣ-маълумотӣ, ки ба Муассисаи давлатии «Маркази миллии патенту иттилоот»-и назди Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мегарданд, назорат барад;
- тартиби интихоб ва қабули довталабонро ба докторантураи Ph.D, аз ҷумла аз ҳисоби хатмкунандагони Донишгоҳ, дар кафедраҳо ва факултетҳо назорат намояд;
- ба ректори Донишгоҳ ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоиди таъминоти моддию техникӣ барои иҷрои ваколатҳои худ пешниҳод манзур намояд;
- дар асоси ваколатномаи ректори Донишгоҳ ва дар доираи вазифаи хизматӣ ҳуҷҷатҳои соҳаи илмро ирсол ва баррасӣ намояд;

- дар робита ба масоили таъин, интиқол ва аз вазифа озод намудани кормандони раёсати илм, ҳавасмандгардонии кормандони фаъол, инчунин, барои ҷазои интизомӣ дар мувофиқа ба муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ба ректори Донишгоҳ пешниҳод манзур намояд;

- дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии Донишгоҳ устодон ва кормандонро барои рафтан ба сафарҳои илмӣ, такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва таҷрибаомӯзӣ тавсия намояд;

- ба кормандони зерсохторҳое, ки ба Сардор вобастаанд, инчунин, дигар сохторҳое, ки дар пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳ саҳмгузоранд, супоришу дастурҳои зарурӣ диҳад;

- аз кормандони раёсати илм дар доираи ваколатҳояш иҷрои шартҳои шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ ва дигар санадҳои Раёсати Донишгоҳро талаб намояд;

- дар мавриди бо Сардор мувофиқа нагардидани ҳуҷҷатҳо (гузоштани раъй ё рад намудан аз он): пешниҳодҳо, фармоишҳо, дархостҳо, мактубҳо, нақшаҳо, табелҳои маош, ҷадвали ба рухсатии меҳнатӣ баромадани кормандон, санадҳо, реестрҳо, ҳисоботҳо, гузоришҳо, хулосаҳо, маълумотномаҳо, аризаҳо, протоколҳо, феҳристҳо, барномаҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо, қарорҳо ва ғайра аз ҷониби кормандони раёсати илм (мудирони шуъбаҳо, мудирони марказҳо, саркотиби илмии котиботи шуроҳои диссертатсионӣ, котиби илмӣ, мутахассисон, сармутахассисон, котиби Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисӣ, котиба-коргузор ва ғайра) Сардор барои ҷазои интизомӣ додани онҳо ба тариқи хаттӣ дар мувофиқа ба муовини ректор оид ба илм ва инноватсия ба ректори Донишгоҳ гузориш пешниҳод менамояд;

- бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳавасмандгардонӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани кормандони раёсати илм чораҳо андешад;

- нисбат ба кормандоне, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ ба моликияти Донишгоҳ зарар мерасонанд, барои рӯёнидани ҷуброни зарар ба Раёсати Донишгоҳ гузориш пешниҳод намояд;

- барои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонуниаш дар соҳаи меҳнат ба суд муроҷиат намояд;

- дар асоси тартиби муқаррар гардидаи Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномаи раёсати илми Донишгоҳ, қарорҳои Шурои олимони Донишгоҳ ва Раёсати Донишгоҳ, фармоишҳо ва дастуру супоришҳои ректор ва муқаррароти ин Дастурамал аз интернет ва дигар воситаҳои иттилоотӣ-иртиботӣ истифода намояд;

- Сардор дорои дигар ҳуқуқҳое мебошад, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

## III. ВАЗИФАҲОИ САРДОР

13. Сардор вазифадор аст:

- рушд додани илм ба воситаи таҳқиқоти илмӣ ва фаъолияти эҷодии кормандони раёсати илм, истифодаи натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таълим ва истеҳсолот;
- муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон, докторантони Ph.D, докторантони анъанавӣ, унвонҷӯён ва донишҷӯёни Донишгоҳ;
- ҳамоҳанг сохтани корҳои илмие, ки дар кафедраҳо бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд;
- таҳияи лоиҳаи шартномаҳо оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва шартномаҳо оид ба татбиқи дастовардҳои илмӣ-техникӣ бо корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо;
- таҳия ва танзими шартномаҳо оид ба ҳамкориҳои эҷодӣ;
- таъмини сатҳи зарурии илмӣ-техникии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва самаранокии онҳо, татбиқи онҳо дар истеҳсолот ва раванди таълим;
- назорати иҷрои нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳ, факултетҳо, кафедраҳо ва нақшаҳои инфиродии омӯзгорон дар бахши корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- тибқи тартиби муқарраргардида баҳогузории фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорони кафедраҳо;
- ташкил ва баргузории семинарҳо, конференсияҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун;
- ба табъ расонидани маҷмуи мақолаҳо ва асарҳои илмии ҳайати омӯзгорону кормандони илмии Донишгоҳ, инчунин, маводи илмии конференсияҳо ва симпозиумҳои илмӣ;
- ба роҳ мондани корҳои иктишофӣ, патентӣ, литсензионӣ ва иттилоотӣ-маълумотӣ;
- назорат аз болои аз ташхиси илмӣ ва аслият (антиплагиат) гузаронидани номгӯйи мавзуъҳои рисолаҳои хатм, дипломӣ, магистрӣ, ва номзадию докторӣ ҷиҳати мубрам будан ва такрор нашудани онҳо;
- назорат аз болои фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ, ки дар заминаи Донишгоҳ таъсис ёфтаанд;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти Шурои олимони ҷавон, семинарҳои илмии назди кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ, ҷамъияти илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён;
- назорат аз болои маҳфилҳои илмию фарҳангии «Зеҳн», «Хирадманд» ва маҳфилҳои инфиродии профессорону омӯзгорони факултетҳо ва кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ;
- назорат аз болои бахши Шурои ҳамоҳангсозӣ ва ташхисӣ;
- назорат аз болои иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён ва фаъолияти илмии докторантони Ph.D, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯён;
- дар доираи талаботи низомномаи тафриқавӣ танзим ва пешниҳод намудани мавод оид ба ҳавасманд гардонидани ҳайати устодону

омӯзгорон барои бомуваффакият анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, иштироки фаъолонаи онҳо дар конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо, олимпиадаҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ;

- ташкили намоишгоҳҳо, озмунҳо ва намоиши дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ;

- назорати фаъолияти китобхонаҳои илмии анъанавӣ ва электронии Донишгоҳ;

- омода кардани ҳисоботҳои илмӣ ва маълумотномаҳо тибқи тартиботи муқарраргардида;

- дар якҷоягӣ бо Раёсати Донишгоҳ мусоидат намудан ба таъсиси пойгоҳҳои муосири илмӣ ва озмоишӣ барои гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби ҳайати омӯзгорон, докторантони Ph.D ва унвонҷӯён.

## IV. УҲДАДОРИҲОИ САРДОР

14. Сардор уҳдадор аст:

- талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, Низомномаи раёсати илм, Дастурамали мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва санадҳои меъёрии дохилиро риоя намояд;

- барои иҷрои талаботи муқарарнамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, бехатарии сӯхтор ва санитарию гигиенӣ мусоидат намояд;

- ҳар як корманди раёсати илмро иловатан бо Оинномаи Донишгоҳ, Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳ, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Раёсати Донишгоҳ, ки ба фаъолияти корманд алоқаманд мебошанд, шинос намояд;

- тибқи муқарраароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, шартномаҳои коллективӣ фароҳам овардани шароити мусоиди кориро аз Раёсати Донишгоҳ талаб намояд;

- ташкил, ҳамоҳангсозӣ ва фаъолияти сохторҳои илмии Донишгоҳро назорат намояд;

- таъмини иҷрои Стратегияи рушди Донишгоҳ оид ба масъалаҳои илм;

- муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки корҳои илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорон ва докторантони Ph.D, докторантони анъанавӣ, унвонҷӯён ва донишҷӯёни Донишгоҳ;

- ҳамоҳанг сохтани корҳои илмие, ки дар факултетҳо ва кафедраҳои Донишгоҳ бо мақсади иҷрои корҳои мукаммали бунёдӣ, иктишофӣ ва амалӣ сурат мегиранд;

- тарғиби дастовардҳои илмӣ-техникии Донишгоҳ тавассути ташкил намудани симпозиумҳо, конференсияҳо, семинарҳо, мизҳои гирд ва дигар чорабиниҳои илмӣ, намоишгоҳҳо ва нашри асарҳои илмӣ;

- санҷиши иҷрои фармоишҳо, дастуру супоришҳои Раёсати Донишгоҳ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- назорат ва мусоидат намудан ҷиҳати пешбурд ва анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби донишҷӯён;

- ҳамоҳанг сохтани фаъолияти Шурои олимони ҷавони Донишгоҳ, ҷамъияти илмии донишҷӯён ва маҳфилҳои илмии донишҷӯён;

- назорат аз болои манбаъҳои молиявии мавзуъҳои кафедравӣ ва риояи муҳлати иҷрои онҳо;

- танзими ҳуҷҷатнигорӣ ва назорати иҷрои саривақтии он;

- ташкил ва баргузории конференсияҳои солонаи илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии Донишгоҳ;

- назорат аз болои ба табъ расонидани мақолаҳои илмӣ, монографияҳо, маҷмуаи мақолаҳои илмии омӯзгорон ва унвонҷӯён;

- ҳамоҳанг сохтани ширкати ҳайати омӯзгорон, докторантони Ph.D, докторантони анъанавӣ ва унвонҷӯён дар конференсияҳои илмии умумидонишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

- аз болои раванди ташкил ва баргузории озмунҳо барои анҷом додани корҳои беҳтарини илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён назорат барад;

- ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва ҳуқуқи муаллифӣ дар Донишгоҳро таъмин менамояд;

- барои аз курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос гузаштани кормандони зерсохторҳои раёсати илм мусоидат намояд;

- саривақт омода намудани ҳуҷҷатҳо, ҳисоботҳо, санадҳои зарурӣ оид ба пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва аттестатсияи кормандони илмиро таъмин намояд;

- рушди заминаҳои таҷрибавӣ-истеҳсолии таҳқиқоти илмиро (ҳамгироӣ бо муассисаҳои академӣ ва пажӯҳишгоҳҳои соҳавӣ, фаъолияти марказҳои дастраси умум ва ғайра) таъмин намояд;

- аз болои таъин ва таъмин намудани докторантони Ph.D бо стипендияҳои номӣ назорат барад;

- дар якҷоягӣ бо муовини ректор оид ба робитаҳои байналмилалӣ иштироки устодону кормандони Донишгоҳро дар озмунҳои байналмилалӣ, лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва грантҳо, инчунин, дар ташкил ва баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ ва амалӣ намудани лоиҳаҳои байналмилалии илмӣ-техникӣ таъмин намояд;

- таъмини заминаи молиявии таҳқиқоту коркардҳои илмӣ тавассути истифодаи маблағҳои гуногун (маблағҳои буҷетӣ ва махсус);

- татбиқи технологияҳои нави иттилоотӣ дар соҳаи таҳқиқоти илмӣ;

- тасдиқи ҷадвали штатии сохторҳои раёсати илми Донишгоҳ;

- назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои пулии ба соҳаи илм равонагардида;

- назорати омодагӣ ва баргузории чорабиниҳои илмии сатҳаи гуногун (форумҳо, симпозиумҳо, конференсияҳо, семинарҳо ва мизҳои гирд) дар Донишгоҳ;

- назорати фаъолияти Шурои ҳамоҳангсозию ташхисӣ ва Шурои олимони ҷавони Донишгоҳ;

- мусоидат намудан ва назорат бурдан аз болои фаъолияти факултету кафедраҳо дар иртибот ба ба роҳ мондани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, омоданамоии кадрҳои баландихтисос дар зинаи докторантураи Ph.D ва докторантураи анъанавӣ;

- ҳамоҳангсозӣ ва назорати кори шуроҳои диссертатсионӣ ҷиҳати зиёд намудани ихтисосҳои илмӣ барои ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ;

- ҳар сол ба Шурои олимон ва ректори Донишгоҳ пешниҳод намудани ҳисобот;

- дигар уҳдадориҳоеро, ки Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, санадҳои меъёрии Донишгоҳ пешбинӣ кардаанд, иҷро намояд.

15. Уҳдадориҳои Сардор тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд.

## V. МАСЪУЛИЯТИ САРДОР

16. Сардор ба татбиқи мақсадноки ҳуқуқу вазифаҳо ва уҳдадориҳои худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти шахсӣ дорад.

**Мувофиқа шудааст:**

| | |
|---|---|
| Муовини аввал,<br>муовини ректор<br>оид ба таълим | Собирзода Н. М. |
| Муовини ректор оид<br>ба илм ва инноватсия | Сафармамадзода С. М. |
| Раиси Кумитаи иттифоқи<br>касабаи Донишгоҳи<br>миллии Тоҷикистон | Раҷабов Т. Р. |
| Сардори раёсати илм | Наботӣ Р. |
| Сардори<br>раёсати муҳосибот | Хайруллоев С. Қ. |
| Мудири шуъбаи ҳуқуқ | Муминзода Н. И. |